Тасдиқ карда шудааст
Аз тарафи Маҷлиси умумии ТҶ "Хуршед"
Суратҷаласаи №_01__ аз 25 январи с 2022___

# СИЁСАТИ

**таъмини шаффофияти харид дар**
**Ташкилоти ҷамъиятии "Хуршед"**

**2022**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Сиёсати таъмини шаффояти харид (минбаъд - Сиёсат) дар Ташкилоти ҷамъиятии “Хуршед” (минбаъд - Ташкилот) принсипи шаффофияти харидро дар пешбурди фаъолияти Ташкилот, мақсад ва вазифаҳои самти харидро муқаррар ва ба танзим медарорад.

1.2. Сиёсати мазкур дар асоси талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои дохилии Ташкилот тартиб дода шудааст.

1.3. Талаботҳои сиёсати мазкур бояд ҳатман аз ҷониби ҳамаи кормандон, аъзоёни Ташкилот ва шахсони дигари ба онҳо баробаркардашуда (кормандони кироя, шахсоне, ки бо шартномаҳои хизматрасонӣ ба Ташкилот хизматрасонӣ мекунанд, ҳамчунин ба аъзои Раёсати ташкилот ва тамоми аъзоёни Ташкилот), (минбаъд - Корманд ва ё аъзои Ташкилот ва дар шакли ҷамъ Кормандон ва ё аъзоёни Ташкилот) риоя карда шаванд.

1.4. Сиёсати мазкур ҳуҷҷати асосӣ оид ба хариди молу маҳсулот дар рафти фаъолияти Ташкилот мебошад.

## 2. ИСТИЛОҲҲО ВА ИХТИСОРҲО

**Харид** – фаъолият оиди хариди молу маҳсулот, кору хизматрасонӣ дар доираи Лоиҳаҳои гуногуни Ташкилот фаҳмида мешавад.

**Бархӯрди манфиатҳо** – ин ҳолати манфиатдории шахсии корманд ва ё аъзои Ташкилот, ки метавонад ба иҷрои вазифаҳо ва ба раванди қабули қарор ва ё раванди амалигардонии фаъолият таъсир расонад ва ҳамин тавр ба манфиатҳои Ташкилот зарар расонад.

## 3. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СИЁСАТ

3.1. Мақсади сиёсат дар соҳаи харид аз инҳо иборат мебошад:

- Қонеъ намудани талаботҳои Ташкилот ба молу маҳсулот, кор ва хизматрасонии бо сифат ва ба талаботҳои стандартӣ ҷавобгӯ;
- Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хариди молу маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ;
- Таъмини хароҷоти мақсаднок ва самараноки захираҳои моддиву пулии Ташкилот;
- Ташкил ва нигоҳдошти низоми самараноки харид;
- Пешгири намудани амалҳои иштибоҳомез ва сӯйистифода дар соҳаи харид;
- Истифодаи маблағҳои бо роҳи грантӣ ба даст овардаро тибқи нишонодҳои барномаи грантӣ ва созишномаи грантӣ истифода бурдан.

## 4. ПРИНСИПҲОИ ТАШКИЛИ ХАРИД ДАР ТАШКИЛОТ

4.1. Таъмини шаффофияти харид дар Ташкилот дар ҳолатҳои иҷрои чунин принсипҳо амалигардонида мешавад:

- ***НАҚШАВӢ***

Барои саривақт таъмин намудани талаботҳои Ташкилот ба Хариди молу маҳсулот, корҳо ва хизматрасониҳо банақшагирии солона гузаронида мешавад. Банақшагиририи солона бояд бо назардошти пайдарҳамӣ ва давомнокии раванди харид ба амал бароварда шавад.

Вобаста ба ҳар як Лоиҳа банақшагирии алоҳидаи хариди молу маҳсулот ва ё кору хизматрасонӣ ба роҳ монда мешавад.

- ***САМАРАНОКӢ***

Раванди харид бояд ба таври максималӣ ба Ташкилот аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар бошад ва дар баробари ин ба сифати молу маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ таъсири манфӣ нарасонад. Барои таъмини фоидаи максималии иқтисодӣ раванди харид бояд бо назардошти тарҷибаҳои пешқадами ба баланд бардоштани самаранокӣ равон гардида, ба амал бароварда шавад.

- ***БАЛАНД БАРДОШТАНИ РАҚОБАТПАЗИРӢ***

Равандҳои харид дар Ташкилот бояд интихоби беғаразона ва аз ҷиҳати иқтисоди самараноки фурӯшандагони молу маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ таъмин намояд.

Тарзи афзалиятноки иҷрои равандҳои харид дар Ташкилот ин тарзи рақобатӣ мебошад, яъне ҳангоми хариду молу маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ бояд на кам аз се пешниҳоди тиҷоратӣ, ки бо шакли тасдиқгардидаи Ташкилот тартиб дода шуда пешниҳод шудаанд, муқоиса гардида, пешниҳоди тиҷоратии ба Ташкилот манфиатовар қабул карда шавад.

- ***ШАФФОФИЯТ ДАР РАВАНДИ ХАРИД***

Иттилоот оид ба раванди хариди молу маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ бояд ба таври баробар ба ҳамаи фурӯшандагон, маҳсулотсупорон ва хизматрасонони эҳтимолӣ ҳангоми риояи талаботҳои қонунгузории амалкунанда дар ин соҳа дастрас бошанд.

Ҳуҷҷатҳои харид бояд талаботҳои мушаххас, асоснок ва баҳодиҳиро нисбат ба фурӯшандагон, маҳсулотсупорони молу маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ дошта бошад. Истифодаи меъёрҳои баҳодиҳие, ки дар ҳуҷҷатҳои харид инъикос наёфтаанд, иҷозат дода намешавад.

Баланд бардоштани сатҳи шаффофияти харид ҳангоми гузаронидани равандҳои харид бо ҷойгир намудани маълумот оид ба харид дар маҳзанҳои кушод ба даст меояд.

Аъзои Ташкилот, аъзои Раёсати Ташкилот ва кормандони он ҳуқуқ надоранд, ки вазифаи худ, дониши худ ва ваколатҳои худ дар Ташкилотро бо мақсади гирифтани фоидаи шахсӣ истифода баранд. Истифодаи барқасадонаи бархӯрди манфиатҳо дар ташкилот бо коррупсия ва қаллобӣ баробар карда мешавад. Корманд ва ё аъзои Ташкилот уҳдадор аст, ки оид ба мавҷудияти бархӯрди манфиатҳо ва ё эҳтимоли пайдошавии он ба мақомоти дахлдори Ташкилот – Директори иҷроия ва ё Раиси Раёсати Ташкилот хабар диҳад. Дар ҳолати мавҷуд будани бархӯрди воқеӣ ва ё эҳтимолии манфиатҳо Ташкилот бояд ба корманд ва ё аъзои дахлдори худ оиди қадамҳои минбаъда дастур диҳад, то ки ҳолати низоъии мавҷуда бартараф карда шавад.

Кормандон ва аъзоёни Ташкилот бояд амалҳои лозимаро барои бартараф намудани низоъ андешанд. Риоя накардани чунин талаботҳо ва дастурҳо метавонанд ба чораҳои интизомӣ ҳатто то озодкунӣ аз вазифа оварда расонад.

- ***ИНТИХОБИ ОДИЛОНАИ ФУРӮШАНДА, МАҲСУЛОТСУПОР***

Ба ҳамаи маҳсулотсупорони молу маҳсулот, кору хизматрасонӣ бояд имкониятҳои баробар ва талаботҳои ғайридискриминатсионӣ дар ҳамаи давраҳои гузаронидани равандҳои харид таъмин карда шавад.

## 5. МАСЪУЛИЯТ ОИД БА РИОЯИ ШАРТҲОИ СИЁСАТИ МАЗКУР

5.1. Риояи шартҳои Сиёсати мазкур барои ҳамаи кормандону аъзоёни ташкилот, новобаста аз вазифаи ишғолнамуда ҳатмӣ мебошад.
5.2. Роҳбарияти Ташкилот бояд таъмин намояд, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Ташкилот ба талаботҳои дар Сиёсати мазкур муқарраршуда, мувофиқат намояд.
5.3. Роҳбарияти Ташкилот интизор аст, ки кормандон ва контрагентҳои бо Ташкилот дар муносибатҳои шартномавӣ буда, оиди вайрон гардидани Сиёсати мазкур ва ё вайроншавии эҳтимолии он, ба роҳбарияти Ташкилот ва ё Комиссияи тафтишотии Ташкилот хабар медиҳанд.

## 6. СОҲАИ ФАРОГИРӢ

6.1. Сиёсати мазкур ба ҳамаи кормандони Ташкилот, аз ҷумла кормандони кироя, шахсоне, ки бо шартномаҳои хизматрасонӣ ба Ташкилот хизматрасонӣ мекунанд, ҳамчунин ба аъзои Раёсати ташкилот ва тамоми аъзоёни Ташкилот татбиқ карда мешавад.

## 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

7.1. Ҳамаи аъзоён ва кормандони Ташкилот ҳангоми қабул ба кор уҳдадоранд, ки забонхат оиди шинос гардидан бо Сиёсати мазкурро имзо гузоранд.
7.2. Аз ҷониби Комиссияи тафтишотӣ на кам аз як маротиба дар як сол оиди аз ҷониби кормандон ва аъзоёни Ташкилот риоя карда шудани Сиёсати мазкур санҷиш гузаронида мешавад ва барои дида баромадан ба Маҷлиси умумӣ ҳисобот пешниҳод мегардад.
7.3. Ҳар як корманд ва аъзоёни Ташкилот барои риояи талаботҳои Сиёсати мазкур мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул аст.